Суратҷаласаи
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-063
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

ш. Душанбе *№22* *аз 31 октябри 2026*

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд, тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро, дар ҷаласа 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм (2 нафар – иштироки маҷозӣ) аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мебошанд.

ШУНИДА ШУД: Ҳимояи диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12 – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ).

Мавзӯи диссертатсия: «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)».

Диссертатсия дар кафедраи "Таҳлили иқтисодӣ ва омор"-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: - Раҷабов Раҷаб Кӯчакович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

- Ёров Ҷамшед Нуруллоевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи сайёҳӣ ва бизнеси меҳмондории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
- Махкамзода Фурқат Фозил - номзади илмҳои иқтисодӣ, устоди калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Ба автореферати диссертатсия 4 тақриз ворид гардид, ки ҳамаи онҳо мусбӣ мебошанд.

Ба довталаб 9 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзоёни зерини шуро пешниҳод гардиданд: д.и.и., проф. Иброҳимзода И.Р., д.и.и., проф. Аминов И., д.и.и., проф. Обидзода Ф.С., д.и.и., проф. Фақеров Ҳ.Н., д.и.и., проф. Раҳматзода Р. ва д.и.и., проф. Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ.

Дар мухокима иштирок намуданд: д.и.и., проф. Маҳмадалӣ Б.Н., д.и.и., проф. Обидзода Ф.С.., д.и.и., проф. Шарофзода Ф.Р., ва д.и.и., проф. Иброҳимзода И.Р.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб интихоб шуданд: д.и.и., проф. Обидзода Ф.С. (раис), д.и.и., проф. Аминов И., д.и.и., дотсент Сафозода А.К.

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзӯи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12 – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026, таҳти №591) ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.

3. Ба Самандарова Зарнигор Умаровна дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12 – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Самандарова Зарнигор Умаровнаро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар (2 нафар – маҷозӣ). Зид – нест. Бетараф - нест.

Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Шарофзода Ф.Р.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Исмоилов А.А.**